# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Буҷети иловагии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2007**

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2007, №6, мод. 443)

***Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми июни соли 2007, № 706 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, № 6, моддаи 530) қабул гардидааст.***

**Моддаи 1.** Буҷети иловагии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2007 аз рӯи даромад ва хароҷот ба маблағи 272000 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 2.** Буҷети иловагии ҷумҳуриявӣ барои соли 2007 аз рӯи даромад ба маблағи 200000 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад, аз ҷумла:

| | |
|---|---|
| - андоз аз арзиши иловашуда, | |
| аз ҷумла: дохилӣ | - 3000 ҳазор сомонӣ; |
| берунӣ | - 161300 ҳазор сомонӣ; |
| - аксизҳо (берунӣ) | - 22000 ҳазор сомонӣ; |
| - андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | - 4700 ҳазор сомонӣ; |
| - андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо | - 1000 ҳазор сомонӣ; |
| - боҷҳои гумрукӣ | - 8000 ҳазор сомонӣ. |

**Моддаи 3.** Буҷети иловагии ҷумҳуриявӣ аз рӯи хароҷот барои соли 2007 ба маблағи 200000 ҳазор сомонӣ аз рӯи тартиби тақсимоти вазифавӣ ба андозаи зерин тасдиқ карда шавад:

| | |
|---|---|
| - маблағгузории мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ | - 32810 ҳазор сомонӣ; |
| - илм | - 850 ҳазор сомонӣ; |
| - мудофиа | - 8150 ҳазор сомонӣ; |
| - мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ | - 7670 ҳазор сомонӣ; |
| - маориф | - 42380 ҳазор сомонӣ; |
| - нигоҳдории тандурустӣ | - 10200 ҳазор сомонӣ; |
| - суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | - 27960 ҳазор сомонӣ; |
| - хоҷагии манзилию коммуналӣ | - 2850 ҳазор сомонӣ; |
| - чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ ва солимгардонӣ | - 19820 ҳазор сомонӣ; |
| - соҳаи кишоварзӣ ва заминсозӣ | - 8000 ҳазор сомонӣ; |
| - корҳои ҷустуҷӯи геологӣ | - 700 ҳазор сомонӣ; |
| - нақлиёт ва коммуникатсия | - 3040 ҳазор сомонӣ; |
| - хизамтрасонии дигари иқтисодӣ | - 620 ҳазор сомонӣ; |
| - хароҷоти дигар | - 30950 ҳазор сомонӣ. |

**Моддаи 4.** Буҷети иловагии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои соли 2007 аз рӯи даромад ва хароҷот ба маблағи 10000 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 5.** Ҳаҷми иловагии буҷетҳои қабулкардаи Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ барои соли 2007 аз рӯи даромад ва хароҷот ба маблағи 62000 ҳазор сомонӣ маъқул дониста шавад, аз ҷумла дар:

| | |
|---|---|
| Вилояти Хатлон | - 645 ҳазор сомонӣ; |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | - 249 ҳазор сомонӣ; |
| шаҳри Душанбе | - 59756 ҳазор сомонӣ; |
| ноҳияи Варзоб | - 1050 ҳазор сомонӣ; |
| ноҳияи Файзобод | - 300 ҳазор сомонӣ. |

**Моддаи 6.** Аз 1 июли соли 2007 ҳиссаҷудокунии маблағ аз андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз Корхонаи воҳиди давлатии «Ширкати алюминии тоҷик» 60 фоиз ба буҷети шаҳри Турсунзода ва 40 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 7.** Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2007 ба маблағи 4000 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 8.** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Қонуни мазкур ба қисмҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2007» тасдиқ шудаанд, тағйирот ворид намояд.

**Моддаи 9.** Қонуни мазкур аз 1 июли соли 2007 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э.Раҳмонов**

ш.Душанбе, 30 июни соли 2007
№ 287